**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

ТДУ 332
ТКБ 65.9 (5Т)
С - 20

**САИДЖОНОВ СОДИКЖОН ШАРИФЖОНОВИЧ**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ДАРОМАДИ АҲОЛӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА (дар мисоли вилояти Суғд)

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**ХУҶАНД – 2023**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Абдуқодиров Хайрулло Абдусаломович**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Амонова Дилбар Субҳоновна,** доктори илмҳои иқтисод, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон

**Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисоди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

**Муассисаи пешбар** МТД «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд»

Ҳимоя санаи «____» ____соли 2023, соати ____ дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (суроға: 735700, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1,

e-mail: ds.tsulbp@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 927711342) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва сомонаи http:ds.tsulbp.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____» _____________ соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Самадова З.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар ҷомеаи муосир дар назди ҳар як давлат вазифаҳои таъмини адолати иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ, имкониятҳои заминавии баробар ва ҳимояи қишри осебпазири ҷомеа қарор мегиранд.

Масъалаи баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар баромаду суханрониҳои Сарвари кишварамон мукарраран қайд шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз дошта буданд: «…Ҳукумати Тоҷикистон вазъи иҷтимоии табақаҳои осебпазири ҷомеаро ҳамеша дар маркази диққати худ қарор дода, вобаста ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар барои беҳтар намудани шароити онҳо пайваста чораҷӯӣ менамояд. Дар сиёсати иҷтимоии ҳукумати кишвар дастгирии молиявии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва оилаҳои камбизоат афзалият дорад ва ин бартарият дар солҳои минбаъда низ боқӣ мемонад»[1].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми назорати маъмурии ташаккулёбии даромад ва низоми таъминоти кафолатноки иҷтимоии аҳолӣ ба принсипҳои бозории ташаккули даромади шаҳрвандон ба таври ногузир тағйироти ҷиддиро дар низоми танзими даромади аҳолӣ ба миён овард. Ислоҳоти бозорӣ дар кишвар тамоюли номусоиди нобаробарӣ ё тафриқаи назарраси даромади ҷомеаро пайдо намуд. Дар ин давра масъалаи ташаккулёбӣ ва тақсими даромад тезутунд гардид ва дар низоми муносибатҳои тақсимотӣ парадигмаи нав арзи ҳастӣ намуд, ки дар табақабандии аҳолӣ ифода ёфта, дар натиҷаи он қисми бештари аҳолии кишвар ва минтақаҳои он бо муаммои камбизоатӣ рӯбарӯ гардид.

Бояд қайд намуд, ки тафриқаи даромад дар шароити иқтисоди бозорӣ оқибатҳои манфии иқтисодӣ ва сиёсиро дорад. Он яке аз омилҳои пурзӯр гардидани ташаннуҷи иҷтимоӣ дар ҷомеа ба ҳисоб рафта, сифати рушдро коҳиш медиҳад ва ба фаъолнокии инвеститсионӣ ва рушди устувори иқтисодӣ монеа эҷод мекунад. Илова бар ин, нобаробарии иҷтимоӣ амалишавии сенарияҳои индустриалӣ ва инноватсионии рушди устуворро халалдор месозад.

Ҳамин тариқ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ дар марҳилаи муосир эҳё намудани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки ба баланд гардидани некуаҳволии аҳолӣ мусоидат мекунад, ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ҳадафи олии рушди дарозмуддати Тоҷикистон мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.12.2019. [манбаи электронӣ] Реҷаи дастрас: http://prezident.tj/node/21975. (Санаи муроҷиат: 12.05.2020)

баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии кишвар дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад[2].

Муаммоҳои бо нобаробарии даромад алоқамандбуда, аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ, сиёсатмадорони маъруф ва пешвоёни ҷаҳонӣ ба сифати яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва хеле муҳимми рӯзномаи муосири сиёсӣ ба миён гузошта шудааст.

Коҳиши нобаробарии даромад аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар доираи Қатъномаи «Дигаргунсозии ҷаҳони мо: Рӯзнома дар соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030» ба сифати яке аз мақсадҳои калидӣ эълон гардидааст.[3] Дар маъруза омадааст, ки имрӯзҳо дар ҷаҳон дар тақсимоти имкониятҳо ва боигарӣ номутаносибиҳои калон вуҷуд дорад. Дар ҳошияи ин, то соли 2030 мунтазам ноил гаштан ва таъмини афзоиши даромади 40% аҳолии камтаъмин то ба сатҳе, ки аз сатҳи даромади миёнаи кулли кишварҳо - аъзоёни СММ баланд аст, вазифагузорӣ карда шудааст. Дар маърузаи ҳамасолаи Ташкилоти байналмилалии меҳнат таҳти унвони «Музди меҳнат дар ҷаҳон» қайд гардидааст, ки пурзӯршавии назарраси нобаробарии даромад таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд, зеро самараҳои манфии азимро барои некуаҳволӣ ва муттаҳидии иҷтимоӣ ба миён оварда, суръати рушди иқтисодиро дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддат суст карда метавонад[4].

Ба равандҳои ташаккулёбӣ ва истифодаи даромади аҳолӣ, дигаргуншавии сохтори иҷтимоии ҷамъият омилҳои хислати минтақавӣ ва ҳудудӣ дошта, аз ҷумла сатҳи рушди иқтисодии минтақа, касри буҷет, дастгирии молиявӣ, ҳамчунин сатҳи самаранокии татбиқи сиёсати давлатии минтақавӣ ва ҳудудӣ таъсири назаррас мерасонанд.

Аз ин лиҳоз, зарурати арзёбии объективӣ ва такомули механизми танзими даромади аҳолии минтақа мубрамияти таҳқиқоти илмиро асоснок менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар асарҳои классикони машҳури илми иқтисод А. Смит, У. Петти, Д. Рикардо, К. Маркс, Э. Аткинсон, Д. Стиглитс, А. Маршалл ва дигарон муқаррароти хеле муҳим оид ба ташаккул ва тақсими даромад, таъсири давлат ба ин раванд дарҷ ёфтаанд. Дар корҳои Ҷ.М. Кейнс, М. Фридман, Ҷ. Кларк, Ф. Хайек, А. Пигу баъзе муаммоҳои методологияи танзими давлатии даромади омилӣ дар шароити муносибатҳои либералии иқтисодӣ баррасӣ гардидаанд.

Ҷанбаҳои мухталифи ташаккул ва танзими даромади аҳолӣ, ҳамчунин коҳиши нобаробарӣ дар таҳқиқоти илмии олимони рус, ба монанди Т.Д.

---

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2016, таҳти №636)

[3] ООН. Преобразование нашего мира: Повестка дня в области устойчивого развития на период до 2030 года //Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН от 25 сентября 2015 г. [манбаи электронӣ] Реҷаи дастрас: http://www.un.org/ru/documents/ods.asp?m=A/RES/70/1, (Санаи мурочиат: 28.06.2022)

[4] Заработная плата в мире в 2016–2017 гг.: Неравенство в оплате труда на предприятиях / Группа технической поддержки по вопросам достойного труда и Бюро МОТ для стран Восточной Европы и Центральной Азии. – Москва: МОТ, 2017. [манбаи электронӣ] Реҷаи дастрас: https://www.ilo.org/wcmsp5/groups/public/---dgreports/---dcomm/---publ/documents/publication/wcms_544096.pdf (Санаи мурочиат: 12.05.2022)

Викулина, Н.А. Волгин, В.Н. Бобков, Е.Н. Жилтсов, В.И. Жуков, С.А. Гулякова, Н.М. Римашевская, Л.В. Костилева, Б.В. Ракитский, А.Ю. Шевяков, Л.А. Беляева ва дигарон баррасӣ шудаанд. Дар робита бо пурзӯршавии тафриқаи даромади аҳолӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони рус ба таҳияи тадбирҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии эҳтиёҷмандон ва ташаккули сиёсати самараноки он равона гардидаанд.

Дар илми иқтисоди ватанӣ муаммоҳои умумӣ ва дигар масъалаҳои марбут бо танзими даромади аҳолӣ дар осори чунин олимон, ба монанди Раҳимов Р.К., Умаров Х.У., Қаюмов Н.Қ., Раҳимзода Ш., Исмоилова М.М., Бойматов А.А., Шарифзода М.М., Ризоқулов Т.Р., Орипов А.О., Азимов А.Д., Абдуқодиров Х.А. ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Ҷанбаҳои мушаххас ва муаммоҳои танзими даромади аҳолӣ, механизми тақсими даромад дар иқтисодиёти гузариш, баландбардории сатҳи некуаҳволӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аз ҷониби олимони ватанӣ, аз ҷумла Абдусамадов Ғ.С., Қодирзода Д.Б., Исмоилов М.М., Зокирова Ш.М., Акилҷанов Ф.Ш., Амонова Д.С., Кошонова М.Р., Носирова У.Н., Абдураҳмонова М.З., Умматов И.А., Носирҷонова М.Х. ва дигарон таҳқиқ гардидаанд.

Асарҳои Хушвақтзода Қ., Мирзоев С.С., Ҳайдаров А.Ҷ., Аҳмадов Ф.М., Одинаев М.А., Ашуров Ф.М., Ибрагимов Ҳ.А. ба масъалаҳои таҳқиқи омории даромад ва сатҳи зиндагии аҳолӣ бахшида шудаанд.

Лекин, дар таҳқиқоти олимон ва мутахассисони ватанӣ хусусиятҳо ва ҷанбаҳои мушаххаси механизми танзими давлатии даромади аҳолӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар доираи татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030», махсусан дар мувофиқа бо банди 4. Рушди сармояи инсонӣ, зербанди 4.6. Коҳиш додани сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ иҷро гардидааст. Таҳқиқоти мазкур ҳамчунин бо Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025 алоқамандӣ дошта, дар пайвастагӣ бо нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ таҳияи муқаррароти назариявӣ ва амалӣ оид ба такомули механизми танзими даромади аҳолӣ дар иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад.

Барои ноил гаштан ба мақсади мазкур дар таҳқиқот вазифаҳои зерини илмӣ муайян гардида, ҳалли худро ёфтаанд:

- таҳқиқ ва таҳлили ҷанбаҳои илмии ташаккул ва танзими даромади аҳолӣ;

- муайян намудани равишҳои методии арзёбии нишондиҳандаҳои тафриқаи даромади аҳолӣ;

- омӯзиши таҷрибаи хориҷии механизми танзими даромади аҳолӣ ва муайян намудани имкониятҳои татбиқи он дар низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа;

- арзёбӣ ва таҳлили ҳолати муосири тафриқаи даромади аҳолии вилояти Суғд ва ошкорсозии тамоилҳои минтақавии тағйирёбии он;

- таҳлили таъсири омилҳои минтақавӣ ба сатҳи даромади аҳолӣ ва коркарди амсилаи иқтисодӣ-математикии рушди даромади аҳолии вилояти Суғд;

- таҳияи пешниҳодот оид ба такмили сиёсати минтақавӣ дар соҳаи даромади аҳолӣ;

- асосноккунии зарурати баландбардории некуаҳволии аҳолии деҳот ва таҳияи чорабиниҳо оид ба баландбардории даромади аҳолии деҳот.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодие ба ҳисоб меравад, ки бо ташаккулёбӣ ва истифодабарии даромади аҳолӣ дар низоми иқтисодии минтақавӣ алоқамананд.

**Предмети (мавзуи) таҳқиқот** такмили механизмҳои танзими даромади аҳолӣ дар иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи илмии** кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки арзёбии тафриқаи даромади аҳолии минтақа дар алоқамандӣ бо равандҳои ҷорӣ ва такомули механизмҳои танзими он, ба коркард ва амалишавии самтҳои асосии сиёсат ва стратегияи давлатӣ дар соҳаи баландбардории даромади аҳолӣ мусоидат менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** диссертатсиониро коркардҳои назариявие, ки дар осори бунёдии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ дарҷ гардида, ба муаммоҳои ташаккул ва танзими даромади аҳолӣ бахшида шудаанд, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил додаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** ба принсипҳои мантиқи диалектикии таҳқиқоти илмӣ, таҳлили сабабию натиҷавӣ ва функсионалию сохторӣ такя менамояд, ки барои кушода додани моҳияти равандҳои иҷтимоию иқтисодии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он имкон додаанд. Зимни ошкорсозии механизми таъсири давлат ба равандҳои ташаккул, тақсим ва бозтақсими даромади аҳолӣ усулҳои таҳлил ва синтез, дедуксия ва индуксия, детализатсия, муқоиса, абстраксияи илмӣ, усулҳои иқтисодию математикӣ ва графикӣ татбиқ гардидаанд.

**Пояи иттилоотии таҳқиқот.** Маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, маводи нашрияҳои иқтисодӣ, қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки самтҳои мухталифи сиёсати иҷтимоию иқтисодиро ба танзим медароранд, маводи конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ, инчунин ҳисобҳои амалӣ ва натиҷаҳое, ки ҳангоми таҳлил ба даст оварда шудаанд, ба ҳайси пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот хизмат намудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар рушди назарияи танзими давлатии даромади аҳолӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа, инчунин таҳияи тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ дар иқтисодиёти минтақаҳо ифода меёбад. Натиҷаҳои зерин дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- низомбандӣ намудани консепсияҳои илмӣ оид ба мазмуни иҷтимоию иқтисодӣ, нишондиҳандаҳо ва таркиби даромади аҳолӣ, механизмҳои танзими он, ки дар асоси он ба мафҳуми таҳқиқот саҳеҳӣ ворид карда шудааст: «Даромади аҳолӣ - маблағҳои пулӣ ва дигар дороиҳои моддие мебошанд, ки аз ҷониби фардҳо дар давраи муайян аз сарчашмаҳои гуногун ба даст оварда шуда, сатҳи некуаҳволии онҳоро инъикос менамояд». Ҳамчунин, механизми танзими даромади аҳолӣ аз ҷониби муаллиф чунин пешниҳод гардидааст: «Маҷмуи усулҳо ва фишангҳое, ки аз ҷониби субъектони танзим барои таъсиррасонӣ ба равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо мақсади баландбардории даромади аҳолӣ истифода мешавад»;

- мудаллал карда шудааст, ки услубҳои арзёбии сатҳи даромади аҳолӣ гуногун ва бисёрҷанба буда, онҳоро аз рӯйи равияҳои зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: нишондиҳандаҳои умумӣ (маблағҳои даромади номиналӣ, воқеӣ, амволӣ); тақсимотӣ (коэффисиентҳои Лоренс, Ҷини, Херфиндал-Хиршман, Хувер); андозаҳои нобаробарӣ (коэффисиенти Аткинсон, стратификатсия, энтропия). Асоснок карда шудааст, ки бо таври маҷмуӣ истифодбарии ин нишондиҳандаҳо дар иқтисодиёти минтақа мувофиқи мақсад аст;

- асоснок карда шудаст, ки дар кишварҳои ҷаҳон таҷрибаи гуногуни механизми танзими даромади аҳолӣ ва коҳиши сатҳи тафриқаи он мавҷуд буда, истифодаи бархе аз онҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ имконпазир аст. Алалхусус: ҳиссаи бузурги музди меҳнат дар хароҷоти корхона (кишварҳои мутараққӣ), сатҳи баланди трансфертҳои иҷтимоӣ (кишварҳои Австрия, Белгия, Олмон, Фаронса, Шветсия), барномаҳои мақсадноки «Орзу» барои дастгирии оилаҳои камбизоати деҳот ва «Хушбахтӣ» барои пиронсолон (Хитой); тадриҷан баланд бардоштани ҳадди ақалли музди меҳнат ва кумакпулиҳои давлатӣ барои беҳтарсозии вазъи демографӣ; дастгирии давлатии соҳибкории оммавӣ ва барномаи шуғлнокӣ, ташаккули фонди ягонаи андӯхти нафақа (Ҷумҳурии Қазоқистон), амалишавии барномаҳои мақсадноки минтақавии рушд, сохтмони манзил, дастрасии мавод барои соҳибкорӣ (Ҷумҳурии Ӯзбекистон);

- арзёбӣ намудани тағйирёбии тамоили минтақавии даромади аҳолӣ, ки дар асоси он гурӯҳбандии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд гузаронида шудааст. Тибқи он ба гурӯҳи сатҳи баланди даромади аҳолӣ шаҳру ноҳияҳои Гулистон, Панҷакент, Айнӣ, Хуҷанд, Бӯстон (рушди саноати истихроҷ, коркард, шабакаи инкишофёфтаи тиҷоратӣ, коммуникатсионӣ); ба гурӯҳи сатҳи миёнаи даромади аҳолӣ шаҳру ноҳияҳои Бобобҷон Ғафуров, Истиқлол,

Исфара, Ҷаббор Расулов, Спитамен, Конибодом, Истаравшан (рушди ҳамоҳанги соҳаи саноат ва кишоварзӣ); ба гурӯҳи сатҳи пасти даромади аҳолӣ ноҳияҳои Ашт, Деваштич, Зафаробод, Шаҳристон, Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ (рушд наёфтани соҳибкорӣ, мавҷуд набудани корхонаҳои саноатӣ, нокифоягии робитаҳои тиҷоратӣ) мансубанд;

- таҳияи амсилаи иқтисодӣ-математикӣ оид ба арзёбии омилҳои микро-, мезо- ва макроиқтисодӣ ба сатҳи даромади аҳолии қаламрави минтақа. Исбот карда шудааст, ки айни замон ба рушди даромади аҳолии вилояти Суғд мавқеи доминатии таъсиррасонро сатҳи афзоиши иштиғоли аҳолӣ, мавқеи дувумро рушди истеҳсоли маҳсулоти саноат ва кишоварзӣ ва ҳамчунин, маҷмуи маҳсулоти минтақа дорад;

- мутобиқ ба вазъи даромади аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд роҳҳои такмили механизми танзими даромади аҳолӣ тавассути таҳияи барномаҳои иҷтимоии минтақавӣ асоснок карда шудааст. Тибқи он, амалишавии самтҳои фаъолияти зерин мудаллал гардидааст: коркард ва ҷорикунии лоиҳаҳои инвеститсионии характери иҷтимоидошта; рушди низоми шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо; ташкили низоми суроғавии дастгирии моддии шаҳрвандон; пешниҳоди имтиёзҳои мусоид барои инвесторone, ки дар шаҳру ноҳияҳои ақибмонда ҷойҳои корӣ таъсис медиҳанд; дастгирии давлатии маҳаллӣ барои рушди соҳибкории оилавӣ ва ғайра;

- асоснок намудани зарурати баландбардории некуаҳволии аҳолии деҳот, ки самти асосии сиёсати даромади аҳолӣ дар минтақаҳо мебошад. Дар ин раванд низоми чорабиниҳо таҳия гардидааст. Алалхусус, рушди соҳибкории хурд дар деҳот, таъсиси корхонаҳои мардумӣ дар комплекси агросаноатӣ, рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва дастгирии давлатии онҳо ва ғайра. Тамсилаи консептуалии устувории иҷтимоии деҳот таҳия гардида, ҳамчун механизми татбиқи он рушди шарикии иҷтимоӣ байни давлат, тиҷорат ва аҳолӣ муайян гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар диссертатсия нуктаҳои илмии зерин ба ҳимоя пешниҳод шудаанд:

- низомбандии консепсияҳои илмӣ оид ба мундариҷаи иҷтимоию иқтисодӣ, нишондиҳандаҳо ва таркиби даромади аҳолӣ, механизми танзими он;

- мудаллал сохтани услубҳои арзёбии нишондиҳандаҳо ва сатҳи даромади аҳолӣ;

- асоснок намудани истифодаи таҷрибаи хориҷии механизми танзими даромади аҳолӣ мутобиқ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он;

- арзёбӣ ва таҳлил намудани тағйирёбии тамоили минтақавии даромади аҳолии вилояти Суғд;

- коркарди амсилаи иқтисодӣ-математикӣ оид ба арзёбии омилҳои микро-, мезо- ва макроиқтисодӣ ба сатҳи даромади аҳолии вилояти Суғд;

- асоснок намудани таҳияи барномаҳои иҷтимоии минтақавӣ мутобиқ ба вазъи даромади аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд;

- исбот намудани зарурати баландбардории некуаҳволии аҳолии деҳот, таҳияи амсилаи концептуалии устувории иҷтимоии деҳот бо мақсади баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳот.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот дар коркарди ҳолатҳои алоҳидаи назарияи муносибатҳои тақсимотӣ ва методологияи такмили механизми тақсимоти даромад, ки асоси раванди такрористеҳсолро дар шароити иқтисодиёти минтақа ташкил медиҳанд, ифода меёбад.

Баъзе ҳолатҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия мумкин аст, дар татбиқи сиёсати иқтисодӣ дар соҳаи оптималӣ гардонидани муносибатҳои тақсимотӣ байни минтақаҳо дар хоҷагии миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф оид ба такмили шакл ва усулҳои танзими даромади аҳолӣ ҳангоми омодасозии барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд истифода шуданашон мумкин аст. Коркарди назариявӣ ва методологии муаллиф дар раванди таълими ДДҲБСТ ҳангоми машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ аз рӯйи фанҳои назарияи иқтисод, макроиқтисодиёт, танзими давлатии иқтисодиёт, иқтисодиёти минтақа, сиёсати даромадҳо ва музди меҳнат истифода мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоби усулҳои муносиби таҳқиқот, боэътимодии маълумотҳо, миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи мавзуъ, ки муқарраароти илмии пешниҳодкардаи муаллифро дар диссертатсия собит мекунанд, тасдиқ мешавад. Самтҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои асоснок оварда шудаанд, ки таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқотро инъикос мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот ба Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад, аз ҷумла бандҳои 1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти ҳудудӣ ва минтақавӣ; 10. Вижагиҳои минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 13. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо; таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҳудудҳо; 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ. Проблемаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи диссертатсия дар муайян намудани ҳадаф, предмет ва объекти тадқиқот, мудаллал сохтани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот зоҳир мегардад. Иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию

амалӣ ва илмию назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои илмии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар маводҳои як қатор конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла: «Геополитикаи инноватсионии захираҳои стратегӣ: муаммо ва дурнамои рушд» (Хуҷанд, 2013), «Рушди илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар замони муосир: муаммо, ҳолат ва дурнамои инкишоф» (Хуҷанд, 2014), «Муаммоҳои мубрами иқтисодиёт, молия, баҳисобгирӣ ва ҳуқуқ дар шароитҳои муосир» (Полтава, 2018), «Таъсири ҷаҳонишавӣ ва узвият ба СУС ба сифати зиндагии кишварҳои гурӯҳи БРИКС» (Москва, 2016), «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои стратегияи миллӣ» (Хуҷанд, 2021), «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои сиёсии Тоҷикистон» (Душанбе, 2021), «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Хуҷанд, 2021) ва ғайра ироа гардида, дар маводи конференсияҳои мазкур ба нашр расидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 17 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 6,2 ҷ.ч., аз он ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 187 саҳифаи чопи компутерӣ, 24 ҷадвал ва 22 расм иборат аст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шудааст, дараҷаи коркарди масъалаи илмӣ тавсиф гардидааст, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян карда, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда собит сохта шудаанд.

Дар боби якум **«Асосҳои назариявию методии таҳқиқи механизми танзими даромад дар иқтисоди бозорӣ»** – ҷанбаҳои илмии ташаккул ва танзими даромади аҳолӣ, равишҳои методӣ оид ба муайянсозии нишондиҳандаҳои тафриқаи даромади аҳолӣ, таҷрибаи хориҷии механизми танзими даромади аҳолӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Даромад ифодаи рамзии мақоми иҷтимоӣ, инчунин инъикоскунанда ва нишондиҳандаи фаъолияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Табиати иқтисодии даромад қабл аз ҳама барои он ҷолиби диққат аст, ки он низоми иқтисодии беҳтарин шуморида мешавад, ки «одамонро ба таври ҳадди аксар бо он чизҳое, ки одамон ба онҳо эҳтиёҷ доранд, таъмин мекунад».[5] Ҳамчун категорияи иҷтимоию иқтисодӣ даромад муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба

---

[5] Гэлбрейт Дж. Экономические теории и цели общества [текст] – М.: Прогресс, 1979. – С. 27.

азхудкунӣ, истифодабарӣ ва тақсими маҳсули истеҳсолшаванда байни унсурҳои он - табақаҳои иҷтимоӣ, хоҷагиҳои хонавода, оилаҳо, ашхос тавсиф мекунад.

Хусусияти мураккаби консепсияи даромадро дар вақташ Ҷ. Хикс эътироф намуда, даромадро ҳамчун миқдори ҳадди аксари воситаҳое, ки ба фард дар муддати ҳафтаи ҷорӣ ва ҳар як ҳафтаи оянда зарур аст, муайян намуда буд.[6] Низоми ҳисобҳои миллии Созмони Милали Муттаҳид, ки асоси онро консепсияи даромади Ҷ. Хикс ташкил мекунад, ба даромад таърифи зерин медиҳад: маблағи ҳадди аксари пул, ки барои истеъмол дар муддати давраи муайян зарур буда, имкон медиҳад дар охири ин давра сармояи дар аввал мавҷуда нигоҳ дошта шавад.

Дар илми омор даромади аҳолӣ ҳамчун воридоти пулӣ ва аслӣ ба коргарон бо мақсади қонеъ гардидани талаботи шахсии онҳо шарҳ дода шуда[7], дар луғатномаи калони иқтисодӣ даромади аҳолӣ «ҳамчун воситаҳои моддие, ки аҳолӣ барои баамалории талаботи худ дар ихтиёр дорад»[8], тавсиф дода мешавад.

Сатҳи даромади аҳолӣ бо сифати неъматҳои ҳаётии аҳолӣ, инчунин қонеъгардии онҳо аз натиҷаҳои бадастомада арзёбӣ ва айният дода мешавад ва ҳамчун меъёр ҳангоми интихоби самтҳо ва афзалиятҳои сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат хизмат мекунад. Ба андешаи мо, даромади аҳолӣ - маблағҳои пулӣ ва дигар дороиҳои моддие мебошанд, ки аз ҷониби фардҳо дар давраи муайян аз сарчашмаҳои гуногун ба даст оварда шуда, сатҳи некуаҳволии онҳоро инъикос менамояд.

Таҳлили равишҳои гуногун оид ба танзими даромади аҳолӣ ҳам рад кардани дахолати давлат ба раванди танзими даромад (А. Смит, Д. Рикардо) ва ҳам эътирофи нақши асосии давлатро дар ин раванд (Ҷ.М. Кейнс) нишон медиҳад. Мактаби неоклассикӣ (А. Маршалл, Ҷ.Б. Кларк, А. Пигу, Ф. Хайек, М. Фридман) нақши давлатро дар таъсиси муҳити бозорӣ эътироф намуда, ба механизми худтанзимкунии бозорӣ такя менамоянд. Намояндагони мактаби интистусионалистӣ (Г. Беккер, Д. Коммонс, Ҷ. Гелбрейт) масъалаҳои бо тақсимоти даромад алоқамандро тавассути ниҳодҳои ҷамъиятӣ, ки давлат низ ҳамчунин нақши муҳимро мебозад, ҳал мекунанд. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар илми иқтисодӣ то ҳол низоми ягонаи танзими даромад вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, солҳои охир бознигарии нақши давлат дар рушди иқтисодӣ ва ошкорсозии чунин тамоилҳое, ки мақоми онро дар ҷомеаи муосир муайян месозанд, идома дорад. Ба андешаи мо, давлат ба равандҳои танзими иқтисодиёт дар маҷмуъ, аз ҷумла ба муаммоҳои умумӣ ва механизми танзими даромади аҳолии кишвар ва минтақаҳои он, махсусан дар давраи ислоҳоти бозорӣ шуруъ мекунад.

Механизми танзими даромад яке аз самтҳои сиёсати даромад буда, маҷмуи усулҳо ва фишангҳоеро ифода менамояд, ки аз ҷониби субъектони

---

[6]Хикс, Дж.Р. Стоимость и капитал [текст ] / Д.Р. Хикс – М.: Прогресс, 1993. - С. 390.

[7] Статистический словарь [текст] / гл.ред. Королев. – М.: Финансы и статистика, 1989. – С. 123.

[8] Большой экономический словарь [текст] / Под ред. А.Н. Азрилияна. – 5 - е изд. – М.: Институт новой экономики, 2002. – С. 229.

танзим барои таъсиррасонӣ ба равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо мақсади баландбардории даромади аҳолӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Сатҳи даромади аҳолӣ ва тамоюлҳои тағйирёбии он ба мушаххасоти муҳимтарини самаранокии сиёсати иҷтимоию иқтисодии ҳама гуна давлат маҳсуб меёбад. Дар иқтисодиёти минтақа тафриқаи иҷтимоию иқтисодӣ аз рӯйи даромад зери таъсири як қатор омилҳои хислати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, психологӣ, демографӣ, ҷуғрофӣ ногузир аст (ниг. ба расми 1).

Бояд қайд намуд, ки нобаробарии даромад ба ҳамаи низомҳои иқтисодӣ хос буда, шарти ҳатмии амалкарди самараноки низоми бозорӣ аст ва танҳо он қодир аст, ки ҳавасмандии муассирро ба меҳнат ва сармоягузорӣ ташаккул диҳад.[9] Лекин ҳатто тақсимоти дурусти даромад дар иқтисоди бозорӣ ба ҳар як одам сатҳи муносиби даромадро новобаста аз мавҷудияти омили истеҳсолот ва натиҷаҳои фаъолият кафолат намедиҳад.

Дар илми иқтисодӣ як қатор нишондиҳандаҳое вуҷуд доранд, ки барои муайянсозии дараҷаи тафриқаи даромади аҳолӣ ва ифодаи миқдории он равона гардидаанд. Омӯзиши раванди тафриқаи даромадҳо аз рӯйи гурӯҳҳои аҳолӣ барои ошкор намудани тамоилҳои мусбӣ (суст гардидани табақабандӣ) ё тамоилҳои манфӣ (пурзӯр гардидани табақабандӣ) дар рушди ҷомеа имкон медиҳанд. Барои арзёбии тафриқаи даромади аҳолии минтақа истифодаи комплексии нишондиҳандаҳо мувофиқи мақсад мебошад, ки онҳоро ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст: коэффитсиентҳои тафриқаи даромад (коэффитсиенти детсилӣ, коэффитсиенти фондҳо), коэффитсиентҳои таҷаммуъ (коэффитсиентҳои Лоренс, Ҷини) ва андозаҳои нобаробарӣ (коэффитсиентҳои Аткинсон, стратификатсия, адозаҳои энтропия).

Айни замон ҷомеаи муосир дар ҷустуҷӯи усулҳо ва фишангҳои нави коҳиши тафриқабандии даромади аҳолӣ қарор дорад, лекин воситаҳои бештар самаранок ва муассири танзими давлатии тафриқаи даромад дар кишварҳои мутараққӣ одатан инҳо боқӣ мемонанд:

- дар марҳалаи тақсимкунии аввалия танзими ҳиссаи музди меҳнат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, ки аз ҷиҳати қонунӣ барои ҳамаи намудҳои суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ захира кунонида мешавад, муқаррар кардани музди меҳнати ҳадди ақал ва дар баъзе ҳолатҳои муайян танзими ҳудуди болоии музди меҳнат барои рафъи тафриқаи аз ҳад зиёди даромади аҳолӣ;
- дар марҳалаи бозтақсими даромад истифодаи андозбандии прогрессивӣ нисбат ба андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андоз аз моликият, ҳамчунин трансфертҳо дар шакли пулӣ;
- татбиқи трансфертҳои иҷтимоӣ дар шакли натуралӣ дар марҳалаи тақсимоти ниҳоии даромад.

[9] Абдусамадов Г.С., Саиджонов С.Ш. Факторы и причины неравенства доходов в Республике Таджикистан [текст] / Г.С. Абдусамадов, С.Ш. Саиджонов // Вестник ТГУПБП. Серия гуманитарных наук. – Худжанд, 2011. – №4(48). – С.62.




**Расми 1. – Омилҳои асосии нобаробарии даромади аҳолӣ дар иқтисодиёти минтақа**

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

Дар самти танзими даромади аҳолӣ ва коҳиши сатҳи тафриқаи он мутобиқ ба шароити минтақаҳои кишварамон, истифодаи таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ, махсусан, таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар бобати баландбардории ҳиссаи музди меҳнат дар таркиби хароҷоти корхонаҳо ва сатҳи баланди трансфертҳои иҷтимоӣ; Ҷумҳурии мардумии Хитой дар бобати афзоиши кадрҳои меҳнатӣ дар деҳот, ташкили таълими аҳолии деҳот, татбиқи барномаҳои мақсадноки дастгирии оилаҳои камбизоати деҳот ва пиронсолон; Федератсияи Русия дар самти афзоиши пайдарпайи музди меҳнати ҳадди ақал, кумакпулиҳои давлатӣ ва татбиқи барномаҳои махсус оид ба таъмини аҳолӣ бо манзил; Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба таъмини рушди мутавозини иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо, ҳавасмандкунии рушди бизнеси хурд ва соҳибкории оилавӣ; Ҷумҳурии Қазоқистон дар қисмати баландбардории сифат ва нерӯи захираҳои меҳнатӣ тавассути ташкили соҳибкорӣ ва шуғлнокии оммавӣ аз манфиат холӣ нест.

Дар боби дуюм **«Ҷанбаҳои минтақавии татбиқи механизми танзими даромади аҳолӣ» -** ҳолати муосир ва муаммоҳои тафриқаи даромади аҳолӣ дар вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор дода шудааст, омилҳои ба механизми танзими даромади аҳолӣ дар минтақа таъсиркунанда ошкор гардида, хусусиятҳои сиёсати даромад дар танзими даромади аҳолии минтақаҳо, фишангҳо ва тамоили рушди онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар ҳар як кишвар амсилаи махсуси ташаккулёбӣ, тақсим ва бозтақсими даромадҳои аҳолӣ ба миён омадааст, ки бо дараҷаи рушди муносибатҳои бозорӣ ва таъминоти иҷтимоӣ муайян гардида, бо хусусиятҳои инкишофи таърихӣ, маданият ва ғайра алоқамандӣ дорад.

Муваффақии ҳама гуна ҷамъият бо дараҷаи рушди иқтисодии он вобастагӣ дорад. Ноилгардӣ ба дараҷаи баланди некуаҳволии шаҳрвандон бо суръати баланди рушди иқтисодии хоҷагии миллӣ таъмин мегардад. Ба самаранокии амалкарди иқтисодиёт ва мувофиқан, ба ташаккули иқтидори инсонӣ ҳамчунин хусусиятҳои минтақавии рушди ҳудудҳо низ таъсир мерасонанд. Дар ҷадвали 1 мушаххасоти асосии иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. – Тавсифномаи асосии иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | Соли 2021 нисбат ба соли 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Шумораи миёнасолонаи аҳолӣ, ҳаз. нафар | 2247,6 | 2511,1 | 2560,8 | 2608,5 | 2658,4 | 2753,1 | 2783,0 | 2823,9 | +25,6% |
| Маҷмуи маҳсулоти минтақа, млн. сомонӣ | 5716,2 | 12036,9 | 14654,8 | 17510,7 | 18343,8 | 20537,1 | 21621,9 | 27465,4 | 4,8 мар. |
| Маҷмуи маҳсулоти минтақа ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ | 2543,25 | 4793,48 | 5722,74 | 6712,94 | 6900,31 | 7459,63 | 7769,28 | 9726,05 | 3,8 мар. |
| Даромади миёнаи пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ | 277,96 | 380,01 | 418,52 | 500,60 | 496,15 | 543,11 | 671,05 | 854,22 | 3 мар. |
| Музди миёнаи меҳнат, сомонӣ | 258,79 | 696,80 | 774,23 | 1072,87 | 1072,28 | 1182,69 | 1236,26 | 1418,81 | 5,5 мар. |
| Музди меҳнати ҳадди ақал, сомонӣ | 80 | 250 | 400 | 400 | 400 | 400 | 400 | 400 | 5 мар. |
| Таносуби музди меҳнати ҳадди ақал ба музди миёнаи меҳнат (индекси Кейтс), % | 31 | 36 | 51 | 37 | 37 | 34 | 32 | 28 | -3% |
| Андозаи миёнаи нафақаи таъиншуда, сомонӣ | 116,62 | 216,46 | 259,12 | 258,87 | 296,98 | 291,2 | 307,42 | 291,1 | 2,5 мар. |
| Масоҳати умумии биноҳои истиқоматӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ, метри мураббаъ | 10,0 | 11,0 | 11,0 | 11,2 | 11,5 | 11,6 | 11,2 | 11,3 | +13% |
| Маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ | 271,67 | 660,63 | 751,72 | 769,94 | 569,82 | 630,56 | 474,85 | 635,04 | 2,3 мар. |

*Ҳисоби муаллиф дар асоси: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2022. – С. 9-13*

Аз рӯи додаҳои ҷадвали 1 нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ ва иқтисодии вилояти Суғдро дар умум ба таври мусбат арзёбӣ намудан мумкин аст. Лекин дар баробари он, таносуби музди меҳнати ҳадди ақал нисбат ба музди меҳнати миёна (индекси Кейтс) дар давраи мавриди таҳқиқ дар сатҳи паст қарор дошта, соли 2021 ба 28% баробар аст. Бояд қайд намуд, ки таносуби аз ҷониби Ташкилоти байналмилалии меҳнат тавсиядода 50% - ро ташкил медиҳад ва афзоиши он, тамоили коҳиши теъдод ва ҳиссаи кормандони дорои музди меҳнати пастро дар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ тавсиф мекунад. Дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда танҳо соли 2016 ба 58% баробар гардида, ба меъёрҳои муқарраршуда мутобиқат мекард.

Барои амалгардонии сиёсати самараноки иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ки ба коҳиши нобаробарии даромади аҳолии кишвар равона карда шудааст, баррасии чунин зуҳурот ба монанди тафриқа аҳамияти калон дорад. Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тафриқаи даромад ҳам байни минтақаҳо ва ҳам дар дохили минтақаҳо ҷой дорад. Тафовут дар даромади меҳнатӣ тибқи вилоят соли 2010 беш аз 7 маротибаро ташкил кард. Ин тафриқа сол аз сол коҳиш ёфта, айни замон тафовут дар даромади меҳнати минтақаҳои вилояти Суғд 2,8 маротибаро ташкил мекунад (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. -Тафовути байниминтақавии даромади миёнаи меҳнатӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2010-2021**

| Нишон-диҳанда | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Тафовути байниминтақа-вии музди меҳ-нат, маротиба | 7,2 | 7,8 | 8,7 | 7 | 5,9 | 5,6 | 6,4 | 3,0 | 2,7 | 2,6 | 2,5 | 2,8 |

*Муаллиф дар асоси манбаъҳои зерин ҳисоб кардааст: Маҷмуи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд, 2021 с., С.–202-203; Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2022. С.150.*

Тафовути байниминтақавӣ дар натиҷаи муқоисаи минтақаҳои вилоят, ки сокинони он музди меҳнати баландтарин ва пасттарин доранд, муайян карда шуда, қабл аз ҳама бо шароити гуногуни табиию иқлимии минтақаҳо, инчунин иқтидори гуногуни андӯхтаи иқтисодии ҳудудҳо вобастагӣ дорад.

Татбиқи сиёсати минтақавии даромад бояд ба баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ ва паси сар кардани нобаробарии аз ҳад зиёди даромад равона гардад. Мухталиф будани сарчашмаҳои даромади аҳолӣ дар сохтори гуногуни вай аз рӯйи намуд зоҳир мегардад, ки ҳамчун асоси иқтисодии раванди тафриқа ба ҳисоб меравад.

Раванди тафриқаи даромади аҳолӣ ҳамчун ягонагии мушаххасоти сифатӣ ва миқдории он, зарурати таҳқиқи сохтори даромади аҳолиро ба миён оварда, сиёсати ташаккулёбии даромадҳо ба тафриқаи онҳо мустақиман таъсир мерасонад.

Динамикаи сохтори даромади пулии аҳолӣ, ки нишондиҳандаҳои муҳими мушаххасоти самаранокии сиёсати амалишавандаи давлатӣ дар соҳаи даромад маҳсуб меёбад, дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Сохтори даромади пулии аҳолии вилояти Суғд тайи солҳои ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар ба як миқдор тағйирот дучор гардидааст. Байни сарчашмаҳои ташаккули даромади пулии аҳолӣ ҷойи махсусро даромади меҳнатӣ ишғол менамояд. Вай яке аз моддаҳои асосии ташаккули даромади аҳолӣ дар тӯли тамоми давраи таҳқиқ ба ҳисоб меравад.

Дар соли 2010 ҳиссаи он 34,5% - ро ташкил дода, соли 2020 то ба 45,5% афзудааст. Афзоиши даҳфоиза аз он шаҳодат медиҳад, ки дар иқтисодиёти минтақа ҳиссаи даромади меҳнатӣ нисбатан устувор буда, ба сатҳи давраи шӯравӣ баробар шуда истодааст (соли 1990 – 71,5% ва соли 1991 – 58,3%). Дар давоми зиёда аз даҳ соли охир ҳиссаи пардохти иҷтимоӣ 3 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин тамоил аз натиҷаи сиёсати пешгирифтаи ҳукумат оид ба дастгирии табақаи камбизоати ҷомеа шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, ҳиссаи даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ коҳиш ёфта истодааст, ки ба сатҳи некуаҳволии аҳолии деҳот таъсири манфӣ расониданаш мумкин аст.

**Ҷадвали 3. – Динамикаи сохтори даромади аҳолии вилояти Суғд**

| Сарчашма-ҳои даромад | Солҳо | | | | | | | | Соли 2021 нисбат ба соли 2010, б.ф. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| ҳамагӣ | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | |
| даромади меҳнатӣ | 34,5 | 51,8 | 58,5 | 54,2 | 51,6 | 56,4 | 45,5 | 45,3 | +10,8 |
| трансфертҳо и иҷтимоӣ | 2,9 | 5,3 | 5,4 | 5,5 | 5,3 | 6,2 | 7,4 | 8,3 | +5,4 |
| даромад аз моликият | 0,02 | - | 0,2 | 0,1 | 0,3 | 0,1 | 3,8 | 4,3 | +4,3 |
| даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ | 31,3 | 18,6 | 12,2 | 13,6 | 10,4 | 9,4 | 11,1 | 10,7 | -20,6 |
| дигар даромадҳои пулӣ | 31,3 | 24,3 | 23,7 | 26,6 | 32,4 | 27,9 | 32,2 | 31,4 | +0,1 |

*Муаллиф дар асоси манбаъҳои зерин ҳисоб кардааст: Маҷмуаи омори вилояти Суғд 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2016. С. 190-191; Маҷмуи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд, 2021. С. 212-213; Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2022. С. 161.*

Даромади аҳолии вилоят асосан барои хароҷоти истеъмолӣ равона гардида, дар давраи мавриди таҳқиқ ба афзоиш тамоил дорад. Дар соли 2021 ҳиссаи он ба 99% баробар гаштааст. Хароҷоти аҳолии вилоят барои хариди

озуқа ба таври назаррас тағйир наёфта, то ҳол зиёда аз нисфи хароҷоти пулии хонаводаҳоро ташкил медиҳад.

Таҳлили пардохти меҳнат аз рӯйи соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти мо нишон медиҳад, ки номутаносибӣ дар ин самт хеле зиёд аст. Ин тафриқа бо тавофути афзоишёбанда байни пардохти меҳнат дар соҳаи фаъолияти молиявӣ, кишоварзӣ, саноат, маориф ва тандурустӣ тавсиф меёбад. Соли 2021 тафриқаи байнисоҳавии музди меҳнат 5,7 маротибаро ташкил кард. (ниг. ба расми 2)




**Расми 2. - Динамикаи тафриқаи байнисоҳавии музди миёнаи меҳнат дар вилояти Суғд**

*Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2022. С.166.*

Айни замон, дар миқёси вилояти Суғд музди миёнаи меҳнати пардохтшудаи баландтарин дар соҳаи молия ба қайд гирифта шудааст. Соли 2021 он аз сатҳи музди миёнаи меҳнат дар вилоят 2,8 маротиба зиёд буд. Ин нишондиҳанда соли 2010 – 4,3 маротиба, соли 2015 – 2,7 маротибаро ташкил кардааст. Музди меҳнати кормандони соҳаи кишоварзӣ аз ҳама паст буда, 49% - и музди миёнаи меҳнати вилоятро ташкил мекунад.

Дар асоси омӯзиши вазъият дар соҳаи ташаккули даромади аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд гурӯҳбандии онҳо ба амал оварда шудааст, ки ба он минтақаҳо бо сатҳи баланд, миёна ва пасти даромади меҳнатӣ шомил гардидаанд. Тавре аз маълумоти ҷадвали 5 бармеояд, ҳайати ҳар як гурӯҳ аз панҷ то шаш минтақаҳоро дар давоми солҳои 2010, 2015 ва 2020 ташкил медиҳад, ки оид ба устувории ҳайати гурӯҳҳои баррасишаванда ва оид ба ташаккули қутбҳои ба худ хос байни минтақаҳо аз рӯйи сатҳи даромади меҳнатӣ шаҳодат медиҳад.

Панҷгонаи якум аз шаҳру ноҳияҳои вилоят бо даромади баланди меҳнатӣ барои давраи солҳои 2010, 2015 ва 2020 иборат аст. Ин тасдиқот, аз ҷумла нисбати се шаҳру ноҳияҳои вилоят аз гурӯҳи минтақаҳо бо сатҳи пасти даромади меҳнатӣ бамаврид ҳисобида мешаванд. Бояд қайд намуд, ки дар дохили гурӯҳҳои ниҳоӣ иерархияи устувор мушоҳида мегардад. Дар гурӯҳи худ шаҳрҳои Гулистон ва Панҷакент, ки ҷойҳои якум ва дуюмро ишғол

менамоянд, ҳамеша пешсафанд, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ бошад, мунтазам дар ақиб қарор дорад.

Дараҷаи баланд ва мувофиқан, ҳиссаи баланди пардохти меҳнат дар даромади пулии аҳолӣ дар ҳамон минтақаҳое ба мушоҳида мерасад, ки хусусияти онҳоро сохтори истеҳсолот муайян менамояд. Дар навбати аввал, ин ба он минтақаҳои вилоят, ки ба соҳаи саноати истихроҷ ва коркард (Гулистон, Панҷакент, Айнӣ, Хуҷанд) нигаронида шудаанд ва шабакаи инкишофёфтаи тиҷоратӣ ва коммуникатсионӣ доранд, мансуб аст. Даромади меҳнатӣ аз нишондиҳандаи миёнаи вилоят қариб 1,5 маротиба зиёд аст.

**Ҷадвали 4. – Гурӯҳбандии минтақаҳои вилояти Суғд аз рӯйи дараҷаи даромади миёнаи меҳнатӣ дар солҳои 2010-2020**

| Шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд | Сатҳҳо | | | Бо фоиз нисбат ба қимати миёна аз рӯйи вилоят | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2020 | 2010 | 2015 | 2020 |
| *Минтақаҳо бо сатҳи баланди даромади меҳнатӣ* | | | | | | |
| Гулистон | 1 | 1 | 1 | 2,07 | 2,05 | 1,68 |
| Панҷакент | 4 | 3 | 2 | 1,09 | 1,42 | 1,31 |
| Айнӣ | 11 | 4 | 3 | 0,94 | 1,15 | 1,31 |
| Хуҷанд | 2 | 2 | 4 | 1,78 | 1,51 | 1,24 |
| Бӯстон | 3 | 5 | 6 | 1,33 | 1,12 | 0,91 |
| *Минтақаҳо бо сатҳи миёнаи даромади меҳнатӣ* | | | | | | |
| Б. Ғафуров | 5 | 7 | 9 | 1,07 | 1,05 | 0,82 |
| Истиқлол | 6 | 8 | 7 | 0,97 | 1,02 | 0,86 |
| Исфара | 7 | 6 | 8 | 0,92 | 1,07 | 0,83 |
| Ҷ. Расулов | 8 | 13 | 10 | 0,85 | 0,73 | 0,81 |
| Спитамен | 9 | 10 | 11 | 0,82 | 0,79 | 0,80 |
| Конибодом | 10 | 9 | 10 | 0,81 | 0,89 | 0,79 |
| Истаравшан | 15 | 12 | 5 | 0,67 | 0,75 | 0,93 |
| *Минтақаҳо бо сатҳи пасти даромади меҳнатӣ* | | | | | | |
| Ашт | 12 | 11 | 14 | 0,74 | 0,77 | 0,69 |
| Деваштич | 13 | 16 | 18 | 0,69 | 0,51 | 0,66 |
| Зафаробод | 14 | 17 | 13 | 0,66 | 0,50 | 0,67 |
| Шаҳристон | 16 | 14 | 17 | 0,56 | 0,53 | 0,68 |
| Мастчоҳ | 17 | 15 | 15 | 0,47 | 0,51 | 0,69 |
| Кӯҳистони Мастчоҳ | 18 | 18 | 16 | 0,29 | 0,51 | 0,68 |

*Муаллиф дар асоси манбаъҳои зерин ҳисоб кардааст: Маҷмуи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд, 2021 с., С. 202-203; Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2022. С. 150.*

Бояд қайд намуд, ки вазъи даромади меҳнатии ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ, Шаҳристон, Зафаробод ва Деваштич бинобар дурдастӣ аз марказ, шароити вазнини табиӣ-иқлимӣ, соҳаи махсусгардонӣ (қариб дар ҳамаи онҳо соҳаи кишоварзӣ бартарият дорад), анъанаҳои миллӣ ва ғ. ташвишовар буда, даромади меҳнатии аҳолии ин минтақаҳо дар миқёси вилоят дар сатҳи паст қарор дорад.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили коррелятсионӣ-регрессионии вобастагии даромадҳои миёна ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд як моҳ Y аз омилҳои зерини иқтисодиву иҷтимоӣ ба амал оварда шудааст: X1 (маҷмуи маҳсулоти минтақа, млн. сомонӣ), X2 (ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ), X3 (ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ), X4 (ҳаҷми умумии гардиши моли чакана, млн. сомонӣ), X5 (сатҳи иштиғол, %), X6 (теъдоди соҳибкорони инфиродӣ, ҳаз. наф.), X7 (ҳиссаи музди меҳнат дар даромади пулии аҳолӣ, %) ва X8 (ҳадди ақали музди меҳнат, сомонӣ).

Дар натиҷаи таҳлил муодилаи зерини регрессия ба даст оварда шудааст:

$$Y = 908{,}78 + 0{,}0691\,X_1 - 0{,}0437\,X_2 + 0{,}0516\,X_3 - 0{,}0692\,X_4 + 5{,}659\,X_5 + 7{,}401\,X_6 + 8{,}137\,X_7 + 0{,}0699\,X_8 \quad (1)$$

Муқаррар карда шудааст, ки айни замон ба афзоиши даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Суғд чунин омилҳо, ба монанди сатҳи иштиғол, афзоиши музди меҳнат, рушди истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ таъсир мерасонанд.

Таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ барои пешгӯии экспоненсиалии бузургии даромади пулии аҳолии вилояти Суғд то соли 2030 аз рӯйи якчанд сенарияҳо имкон медиҳад (ниг. ба расми 3). Аз рӯйи амсилаи таҳияшуда афзоиши даромадҳои аҳолии вилояти Суғд дар соли 2030 то ба 1698,3 сомонӣ пешгӯӣ карда шудааст. Зимни мутобиқати эҳтимолияти паст бузургии даромад ба 601,7 сомонӣ ва зимни мутобиқати эҳтимолияти баланд то ба 2795 сомонӣ баробар шуданаш пешгӯӣ гардидааст.

Муаллиф бар он назар аст, ки дар механизми танзими даромади аҳолӣ яке аз фишангҳои муассир таҳияи барномаҳои иҷтимоии минтақавӣ ба ҳисоб рафта, он бояд ҳалли вазифаҳои зеринро пайгирӣ намояд: баробарсозии тавофутҳои байниминтақавӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, илмӣ-техникӣ; ташаккули сохтори оптималии ҳудудӣ ва соҳавии иқтисодиёт; хоҷагидории мутавозини минтақаҳо ва ҳудудҳо дар шароити бозор; истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, моддӣ ва меҳнатии минтақа; эҳёи маънавии минтақаҳо, ҳифзи мероси таърихии онҳо, мустаҳкам намудани иқтидори фарҳангӣ, ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқии минтақаҳо.

Дар асоси таҳлили раванди ҷории ташаккул ва истифодаи даромади аҳолии вилояти Суғд, аз ҷониби муаллиф татбиқи консепсияи роулсиании тақсимоти даромад, ки ҳадди аксар гардонидани манфиатҳои табақаи камтаъмини аҳолиро пешбинӣ мекунад ва консепсияи бозории ташаккул ва истеъмоли даромад пешниҳод гардидааст, ки ба сатҳи зиндагии аҳолии минтақа мувофиқат карда, мақбули хислат ва психологияи ҷомеа мебошад.

Дар боби сеюм **«Самтҳои афзалиятноки такмили механизми танзими даромади аҳолӣ дар вилояти Суғд»** - самтҳои такмили сиёсати минтақавӣ дар соҳаи даромади аҳолӣ пешниҳод гардида, механизми баландбардории некуаҳволии аҳолии деҳот дар сиёсати даромад баррасӣ гардидааст.




Расми 3. - Пешгӯии экспоненсиалии даромади пулӣ ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд барои то соли 2030

Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳалаи рушди босуръати иқтисодӣ ворид шуда истодааст, ки ҳадафи асосии рушди ҷомеаи муосир баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ маҳсуб меёбад. Дар ин радиф, унсури асосии сиёсати давлатии баландбардории сатҳи некуаҳволӣ танзими даромади аҳолӣ ба ҳисоб меравад, зеро нобаробарии баланди даромад ба ташаннуҷи иҷтимоӣ дар ҷомеа, имконоти нобаробари иҷтимоии шаҳрвадон оварда, боиси паст гардидани сифати зиндагӣ ва рушди босуръати иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он мегардад.

Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давоми давраи гузариш ба миён омад, бо тамоилҳои манфӣ дар дараҷаи андозаҳои муҳимтарини сатҳи зиндагӣ, қабл аз ҳама, даромад, истеъмолот ва пасандоз оварда расонида, дар некуаҳволии аҳолӣ ҳолатҳои зеринро ба миён овард:

- пурзӯр гардидани тафриқаи амволии аҳолӣ;
- сатҳи пасти андозаи ҳадди ақали музди меҳнат;
- нотаносубиҳо дар сохтори хароҷоти истеъмолии аҳолӣ, ки бо ҳиссаи баланди хароҷот барои озуқа алоқаманд буда, аз сатҳи пасти зиндагии шаҳрвандон шаҳодат медиҳад;
- нобаробарии паҳншавии камбизоатӣ аз рӯйи минтақаҳои кишвар;
- сатҳи пасти даромад ба ҳар сари аҳолӣ.

Ҳадафи асосии сиёсати минтақавӣ дар соҳаи даромади аҳолӣ таъмини рушди босуръат ва ҳамоҳанги ҷомеа тавассути ба шаҳрвандон фароҳам овардани шароити мувофиқ барои нигаҳдории некуаҳволӣ бо меҳнат ва ташаббуси хеш, имкониятҳои истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, такмили низомҳои наве, ки ба неруи инсонӣ ва муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, меҳнатӣ нигаронида шудаанд, танзим ва назорати онҳо маҳсуб меёбад. Сиёсати даромад дар марҳилаи муосир бояд рушди дараҷаи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолиро ҳадди аксар таъмин намуда, ба афзоиши сатҳу сифати зиндагӣ мусоидат намояд.

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки дар шароити рушди иқтисодиёти минтақа вазифаҳои асосии сиёсати даромад бояд ба таври зерин муайян шаванд:

- фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамаҷонибаи иқтидори инсонӣ тавассути таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақа;
- таҳия ва амалӣ намудани сиёсати самаранок, ки ба баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ равона гардида, барои таъмини мустақилонаи некуаҳволии худ мусоидат менамояд;
- такмили сиёсати давлатӣ дар бобати ба эътидол овардани иштиғоли аҳолӣ дар минтақаҳо ва ҳудудҳо, афзоиши маҳсулнокии он, ташаккули чунин шароите, ки барои баланд бардоштани ташаббуснокӣ ва фаъолнокии аҳолӣ мусоидат карда метавонад;
- такмили механизми ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии шаҳрвандон, инчунин таъмини самаранокии амалкарди он;
- таъмини афзоиши даромади пулии шаҳрвандон дар вобастагӣ аз болоравии сатҳи иқтисодиёти минтақа;

- фароҳам овардани шароити зарурӣ барои баланд бардоштани нақши музди меҳнат ҳамчун сарчашмаи асосии даромад ва омили муҳимтарини фаъолнокии меҳнатии аҳолӣ мусоидат мекунад;

